# Раёсати ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ

Раёсати ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ воҳиди сохтории дастгоҳи марказии Вазорати рушди иқтисод ва савдо буда, ваколатҳои зеринро амалӣ менамояд:

- самтҳо ва низомҳои асосӣ сиёсати иқтисодии хориҷӣ ва консепсияи давлатии рушди робитаҳои иқтисодии хориҷиро таҳия менамояд;

- танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷиро татбиқ менамояд;

- оид ба ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла  нисбат ба давлатҳои алоҳида ва гурӯҳи давлатҳо таҳия ва пешниҳод менамояд;

- бо мақсади дарёфт ва муайян намудани  самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ ва пайдо намудани шарикон (сармоягузорон) дар соҳаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ рушди фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пайваста таҳлил менамояд;

-пешниҳодҳоро оид ба бастани шартномаҳо ва созишномаҳои байниҳукуматӣ, байнидавлатӣ ва байниминтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, молиявӣ ва илмию техникӣ таҳия менамояд;

- бо ташкилоту идораҳои байналмилалӣ ва байниминтақавии иқтисодӣ ва илмию техникидошта ҳамкорӣ менамояд ва пешниҳодҳоро оид ба таҳкиму тавсеаи ҳамкорӣ бо онҳо таҳия менамояд.

- дар омода намудани хулосаҳо ва пешниҳодҳо ба лоиҳаҳои санадҳои байниҳукуматӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба андозбандӣ ва канори андозҳо, аз даромадҳо, сармояҳо ва андозбандии дукарата ширкат меварзад;

-дар раванди баргузори Комиссияҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, таҳияи протокол ва иҷрои муқарраротионҳо ширкат меварзад;